**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»**

**НИЗОМИ МЕНЕДЖМЕНТИ СИФАТ**

# НИЗОМНОМА ДОИР БА КУМИТАҲОИ БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМИИ ИХТИСОСҲО

**(ФАРМАТСИЯ)**

**Душанбе 2021**

**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»**

**НИЗОМИ МЕНЕДЖМЕНТИ СИФАТ**

**«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»**
Раиси Шӯрои олимон,
Ректори МДТ «ДДТТ
ба номи Абӯалӣ ибни Сино»
__________ Гулзода М.Қ.
«____» ____________2021с

# НИЗОМНОМА
# ДОИР БА КУМИТАҲОИ БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМИИ ИХТИСОСҲО
**(ФАРМАТСИЯ)**

**Душанбе - 2021**

## МУНДАРИҶА

**1. Муқаррароти умумӣ ........................................................................... 4**

**2. Таркиб ва сохтор ……………………………………………………….. 4**

**3. Мақсад ва вазифаҳои КБТИ ………………………………………….. 5**

**4. Ташкили фаъолияти Кумита ………………………………………… 6**

**5. Хуқуқ ва ухдадориҳои Кумита ……………………………………… 7**

**6. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои аъзоёни КБТИ …………………………… 8**

**7. Тартиби ҳамкорӣ бо сохторҳои донишгоҳ ……………………… 9**

**8. Аз нав дида баромадан, ворид намудани тағйирот, нигоҳдорӣ ва пахшкунӣ ……………………………………………………………… 9**

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Низомномаи мазкур фаъолият, вазифа, тартиби ташкили Кумита, таркиб ва ташкили фаъолияти комиссияҳои методии самтҳои гуногуни омодакунии мутахассисон ва ихтисосҳоро дар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» (минбаъд - Донишгоҳ) танзим менамояд.

1.2. Кумитаҳои барномаҳои таълимии ихтисосҳо (минбаъд КБТИ) ташкилоти машваратӣ буда, фаъолияти онҳо ба иҷроиши вазифаҳои вобаста ба ташкил ва такмили таъминоти методии раванди таълим мувофиқ ба барномаи таълимии (минбаъд - БТ) таҳсилоти олӣ, тахсилоти иловагии самтҳои омодакунӣ (ихтисос) барои ҳама намудҳои таҳсил равона карда шудааст.

1.3. Дар фаъолияти худ Кумита санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва тандурустӣ, «Оиннома»-и МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино», фармоишҳо ва ҳуҷҷатҳои Донишгоҳро мавриди амал қарор медиҳад.

1.4. Кумита ба мақсади таъмини мувофиқакунии фаъолияти якҷояи қисматҳои сохтории Донишгоҳ дар масъалаҳои баландбардории сифати таълим ва омодакунии мутахассисони баландихтисос ташкид карда мешавад.

# 2. ТАРКИБ ВА СОХТОР

2.1. Таркиб ва накшаи кории КБТИ дар яккумин ҷаласаи Шурои таълимӣ-методии (минбаъд - ШТМ) соли таҳсил бо пешниҳоди раиси ШТМ тасдиқ карда мешавад.

2.2. Раисони КБТИ аз сафи мудирони кафедраҳо, профессорон, дотсентон бо овози зиёдтарини овоздиҳии умумӣ интихоб карда мешаванд.

2.3. Ба ҳайъати КБТИ аз мудирони кафедра, профессорон, дотсентон ва омӯзгороне, ки ба раванди таълими фанҳои ихтисосӣ зиёдтар ҷалб карда шудаанд, мутахассисони пешбарандаи корҳои методии тибби амалӣ, мутасаддиёни бахши таълим, намоянда аз корфармоён дохил карда мешаванд.

2.4. Ҳангоми амалигардонии якчанд БТ барои як ихтисос Кумитаро метавон ба якчанд шӯъба тақсим кард.

2.5. Барои ташкили фаъолияти КБТИ, омодакунӣ ва ба расмият даровардани суратҷаласаҳо аз ҳайъати аъзоёни Кумита котиби Кумита интихоб карда мешавад.

## 3. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ КБТИ

3.1. Мақсади фаъолиятии КБТИ таъмини сифати корҳои методии сиклҳои омузишии барномаҳои асосии таълимӣ (минбаъд - БАТ) дар кафедраҳои донишгоҳ мебошад.

3.2. КБТИ ҳуқуқ доранд:

3.2.1. Ҷалб намудани тарафҳои манфиатдор ва гуруҳҳои экспертӣ (дар ҳолати пайдо шудани зарурат) барои ба нақша гирифтан ва ворид намудани барномаҳои таълимӣ;

3.2.2. Коркард ва барои тасдиқ пешниҳод намудани барномаҳои таълимии ҳамаи фанҳои нақшаи таълимӣ;

3.2.3. Коркард ва барои тасдиқ пешниҳод намудани барномаҳои ҳама намуди коромузиҳо;

3.2.4. Мураттаб намудани ҳуҷҷатҳо барои ташкили МТМ (маҷмӯи таълимӣ - методӣ) - и ихтисос.

3.2.5. Таҳлили алоқамандкунии байнияқдигарии фанҳо, муайян намудани ҳаҷм ва мундариҷаи фанҳои таълимӣ, дар умум ва барои ҳаряк фанн дар алоҳидагӣ мувофиқи талаботҳои стандарти давлатӣ ба сатҳи омодагии мутахассис (тасаввурот, дониш, маҳорат, малака, эҷодкорӣ) коркард ва барои тасдиқ пешниҳод намудани нақшаҳои таълимӣ.

3.2.6. Мувофиқакунонии фаъолияти якҷояи қисматҳои сохтории Донишгоҳ дар масъалаҳои баландбардории сифати таълим ва омодакунии мутахассисони баландихтисос.

3.2.7. Гузаронидани экспертизаи (таҳлили сифати) адабиётҳои дарсӣ, адабиётҳои таълимӣ-методӣ, маводҳои таълимӣ - методие, ки аз ҷониби кормандани кафедраҳо коркард шудаанд, аз онҷумла бо ҷалб намудани тарафҳои манфиатдор ва гуруҳҳои экспертӣ.

3.2.8. Тафтиш, таҳлил ва татбиқи методҳои инноватсионии таълими мувофиқ ба ихтисос ё ба барномаи таълимӣ.

3.2.9. Барои дида баромадан ба ШТМ-и Донишгоҳ баррасӣ намудани қарорҳои КБТИ доир ба масъалаҳои муҳим ва актуалии корҳои таълимӣ - методӣ.

3.2.10. Назорати фаъолияти таълими - методии кафедраҳо ва бахшҳои ихтисосӣ.

3.2.11. Мусодат намудан ба воридкунии стандартҳои нави раванди таълим, барномаҳо, дастовардҳои илм ва татбиқҳои амалии он ба раванди таълим.

3.2.12. Мувофиқ ба стандартҳои амалкунандаи таҳсилот мусоидат намудан ба коркард, экспертиза ва муҳокимаи нақшаҳои таълимии нав, барномаҳои таълимии нав, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба нақшаи таълимӣ ва барномаҳои таълимии мавҷуда.

3.2.13. Ҳамкорӣ намудан барои интегратсия ва соҳавикунонии раванди таълими фанҳои ихтисосҳои гуногун (клиникӣ ва назариявӣ) ё бобатҳои онҳо, ворид намудани масоили деонтологӣ ва муошırати табибӣ ба таълими фанҳои клиникӣ.
3.2.14. Назорати сифати машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ, бо азхудкунии малакаҳои амалӣ ва таҳлили онҳо дар ҷаласаҳои КБТИ.
3.2.15. Такмили усулҳои гузаронидани аттестатсияҳои ҷорӣ ва ҷамъбастӣ, муҳокима ва тасдиқи фонди маводҳои воситаҳои баҳодиҳӣ, аз он ҷумла ба аттестатсияи давлатии хатм.
3.2.16. Муҳокима ва мувофиқакунонии барномаҳои кории фанҳо, илова бар онҳо мувофиқ ба талаботҳои стандартҳои амалӣ шуда истодаи таҳсилот.

## 4. ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ КУМИТА

4.1. Кори Кумита мувофиқ ба нақшаи соли таҳсили ҷорӣ амалӣ гардонида шуда, дар ҷаласаи Кумита дида баромада мешавад. Дар ҷаласаи ШМТ муҳокима карда шуда, аз ҷониби Муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ-методӣ тасдиқ карда мешавад.
4.2. Ҷаласаҳои КБТИ на дертар аз як маротиба дар як моҳ барпо карда мешаванд. Дар ҳолатҳои зарурати истеҳсолӣ ба амал омаданашон ҷаласаҳои ғайринавбатии КБТИ гузаронида мешаванд.
4.3. Ҷаласаҳои шуъбаҳо, вобаста ба масъалаҳо оид ба барномаи таълимӣ, алоҳида баргузор гаштанашон имкон дорад. Ҳар як шуъба нақшаи кории худро тартиб медиҳад ва ин нақша бо Раиси Кумита мувофиқа кунонида шуда, аз ҷониби Муовини ректор оид ба таълим тасдиқ гардонида мешавад.
4.4. Барои татбиқи амалии масъалаҳои алоҳида Кумита метавонад гурӯҳҳои корӣ ва комиссия ташкил кунад.
4.5. Дар ҷаласаи Кумита самтҳои асосии фаъолият, нақшаи корӣ, тағйиротҳо дар нақшаҳои кории таълимӣ ва барномаҳо, дигар масъалаҳои таълимӣ ва методӣ, ки муҳокимаи онҳо бо намояндагони ҳамаи кафедраҳо талаб карда мешавад, ва инчунин масъалаҳои ҷорие, ки дар нақшаи корӣ пешбинӣ шудаанд ва ҳаллашон фавран талаб карда мешавад, муҳокима ва тасдиқ гардонида мешаванд.
4.6. Ҷаласаи Кумита бо суратҷаласа, имзои раис ва котиби Кумита барасмият дароварда мешавад.
4.7. Ҳуҷҷатгузориҳои Кумита мувофики феҳрасти коргузорӣ ташкил карда шуда, дар утоқи кории Раиси Кумита нигоҳ дошта мешаванд. Масъули ҳуҷҷатгузорӣ ва нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳо (таркиб, нақша, ҳисоботҳо, суратҷаласаҳо ва дигар маводҳо ба намуди кор) котиби Кумита мебошад.

4.7. Аз руйи ҷамъбасти кори Кумита барои соли таҳсили ҷорӣ Раиси Кумита ҳисобот тартиб дода, дар ҷаласаи ШТМ ба муҳокима гузошта мешавад ва аз ҷониби Муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ-методӣ тасдиқ гардонида мешавад.
4.8. Назорати кори Кумитаро ШТМ - и Донишгоҳ иҷро мекунад.
4.9. КБТИ мувофиқи феҳрасти коргузории донишгоҳ ҳуҷҷатҳои зеринро барои соли таҳсил ҳуҷҷатгузорӣ менамояд:
***Нақшаи солонаи ҷаласаҳо*** аз дида баромадан ва тасдиқ гардонидан дар ҷаласаи аввалини КБТИ-и соли таҳсил, аз ҷониби Раиси КБТИ ба имзо расонида мешавад, дар ҷаласаи ШТМ -и Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад ва аз ҷониби Раиси ШТМ имзо гузошта мешавад.
***Суратҷаласаҳо*** - бо замимагардонии маводҳои маърузаҳо аз ҷониби котиби Кумита дар давоми як ҳафта мураттаб гардонида шуда, бо имзои Раиси Кумита ба расмият даровардa мешаванд.
***Иқтибос аз суратҷаласаҳо*** - котиби Кумита мураттаб мегардонад ва Раиси Кумита имзо мегузорад, як ҳафта пештар аз ҷаласаи ШТМ ба котиби ШТМ супорида мешавад.
***Ҳисоботи солона-дар*** ҷаласаи охирони ШТМ муҳокима ва баррасӣ шуда аз ҷониби раиси ШТМ тасдиқ карда мешавад. Як нусха - дар Раиси Кумита ва нусхаи дигар дар котиби ШТМ нигоҳ дошта мешавад.

## 5. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ КУМИТА

5.1. Таъмини мутобиқатии ҳамкориҳои қисматҳои сохтории Донишгоҳ оид ба масъалаҳои баланд бардоштани сифати раванди таълим ва омодакунии мутахассисони баландихтисос.
5.2. Таъмини алоқамандии байнифаннӣ, комилият, чандирият ва муттасилият дар амалигардонии барномаи таълимии мувофиқ ба ихтисос ё барномаи таълимӣ /самти тайёрӣ.
5.3. Муҳокимаи маводҳои таълимӣ-методӣ (барномаҳои корӣ, маҷмуаи таълимӣ-методии фанҳо, руйхати фанҳои элективӣ, китобҳои таълимӣ-методӣ ва ғ.) барои барномаи таълимии ихтисоси мувофиқ ё барномаи таълимӣ.
5.4. Муҳокимаи усулҳои баҳодиҳии дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии таълимгирандагон мувофиқи ихтисос ё барномаи таълимӣ.
5.5. Муҳокимаи маводҳои аттестатсияи Далатии хатми донишҷӯён мувофиқи ихтисос ё барномаи таълимӣ.
5.6. Назорати сифати амалигардонии барномаҳои таълимӣ дар қисматҳои сохтории Донишгоҳ мувофиқ ба ихтисос ё барномаи таълимӣ.
5.7. Муҳокимаи методҳои инноватсионии омузиш.
5.8. Муайян кардани руйхат, таркиби барнома ва пайдарпайии азхудкунии фанҳои элективӣ мувофиқ ба ихтисос ё барномаи таълимӣ.

5.9. Иштирок дар қисматҳои сохтории Донишгоҳ бо мақсади назорати сифати амалигардонии барномаҳои таълимии мувофиқ ба ихтисос ё барномаи таълимӣ.
5.10. Иштирок дар қисматҳои сохтории Донишгоҳ бо максади назорати таъмини раванди таълим бо адабиётҳои таълимӣ, сарчашмаҳои ахборотӣ, воситаҳои моддӣ-техникии мувофиқи ихтисос ё барномаи таълимӣ.
5.11. Пешниҳод намудани пешниҳодот доир ба баланд бардоштани сифати раванди таълим ва омодакунии мутахассисони баландихтисос ба мақомотҳои болоӣ ва қисматҳои сохтории Донишгоҳ.

## 6. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ АЪЗОЁНИ КБТИ

6.1. Раиси Кумита уҳдадор аст:
6.1.1. Талаботхои Низомномаи мазкурро иҷро намояд.
6.1.2. Кори Кумитаро мувофиқи талаботҳои Низомномаи мазкур таъмин намояд.
6.1.3. Саривақт нақшаи кории Кумитаро тартиб дода барои муҳокима ба ҷаласаи ШТМ ва барои тасдик ба Муовини ректор доир ба таълим пешниҳод намояд.
6.1.4. Дар назди аъзоёни ШТМ ва муовини ректор доир ба таълим доир ба кори Кумита ҳисобот диҳад.
6.1.5. Ба раиси ШТМ доир ба ҷудо намудани кумаки моддӣ, ки барои таъмини талаботҳои ташкили раванди таълим мусоидат мекунанд, таклиф пешниҳод намояд.
6.1.6. Муносибати байниҳамдигарии мудирони кафедраҳо ва бахшҳоро доир ба масъалаҳои ҷорӣ намудани Консепсияи ислоҳоти маълумоти олии тиббӣ, амалигардонии он ва талабот ба сифатро таъмин намояд.
6.1.7. Барои муҳокима ба Раиси ШТМ доир ба беҳтар намудани фаъолияти таълимии кафедраҳо ва бахшҳо пешниҳодот намояд.
6.1.8. Мудирони кафедра ва омузгорони сохибтаҷрибаро ба кор ҷалб намояд.
6.1.9. Мувофиқ ба ваколатҳои худ, ки низомномаи Донишгоҳ муайян намудааст, доир банизоми комиссияи назорати сифати раванди таълим чораандешӣ намояд.
6.1.10. Нақшаи кории Кумитаро ташкил диҳад.
6.1.11. Бо мувофиқакунии муовини ректор доир ба корҳои таълимӣ аз кисматҳои сохтории Донишгоҳ ахбороти лозимй барои кори Кумитаро дархост намояд.
6.1.12. Ба мақомотҳои болоӣ ва қисматҳои сохтории Донишгоҳ барои такмил ва баланд бардоштани сифати раванди таълим ва омодакунии мутахассисони баландихтисос пешниҳодот намояд.
6.2. Аъзоёни КБТИ ҳуқуқ доранд:
6.2.1. Талаботи низомномаи мазкурро иҷро намоянд.

6.2.2. Бо лоиҳаҳои қарорҳои ректори Донишгоҳ ва Раиси ШТМ-и марбут ба фаъолияти Кумита шинос шаванд.
6.2.3. Дар кор ва ҷаласаҳои Кумита иштирок варзанд.
6.2.4. Аз таъминоти моддӣ-техникии барои фаъолияти корашон лозимӣ истифода намоянд.
6.2.5. Дар машғулиятҳои маърӯзавӣ, амалӣ, семинарӣ, лабораторӣ ва дигар намудҳои машғулият бо мақсади таъмини талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ иштирок намоянд.
6.2.6.Камбудиҳоро ошкор намуда, таклифу пешниҳод ва дастур барои такмили ҳамаи намуди машғулиятҳои таълимӣ дар Донишгоҳро дар ҷаласаҳои Кумита пешниҳод намоянд.

## 7. ТАРТИБИ ҲАМКОРӢ БО ҚИСМАТҲОИ СОХТОРИИ ДОНИШГОҲ

7.1. Кумита бо ҳамаи кафедраҳо ва бахшҳо, бахши таълимии Донишгоҳ доир ба масъалаҳои таъмини раванди таълим мувофиқи ҳуҷҷатҳои меъёрии тасдиқнамудаи Доишгоҳ ҳамкорӣ мекунад.
7.2. Барои мубодилаи дохилии ахборот доир ба масъалаҳои Консепсияи ислоҳоти таҳсилоти тиббӣ, ва ворид намудани технологияҳои нави таълим мусоидат мекунад.
7.3. Бо мудирони кафедра ва бахшҳо, самти таълим доир ба масъалаҳои дар Низомномаи мазкур нишон дода шуда ҳамкорӣ мекунад.

## 8. АЗ НАВ ДИДА БАРОИАДАН, ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ, НИГОҲДОРӢ ВА ПАХШКУНӢ

8.1. Аз нав дида баромадан, ворид намудани тағйирот, нигохдорӣ ва пахш намудани низомномаи мазкур мувофиқи талаботи стандарти Донишгоҳ ба амал оварда мешавад.
8.2. Нусхаи аслии Низомномаи мазкур дар НМС ва ҚС ба қайд гирифта шуда нигоҳ дошта мешавад.
8.3. Тасвири сканерии низомномаи мазкур дар сервери компютерии Донишгоҳ дар ҷувздони ба ҳама дастрас ҷойгир карда мешавад.
8.4. Нусхаҳои ҳисобии Низомномаи мазкур бақисматҳои сохтории зерин дастрас карда мешаванд:
- Муовини ректор оид ка корҳои таълимӣ-методӣ;
- аъзоёни Кумита;
- Қисматҳои сохторӣ, ки раванди таълимро мувофиқи ихтисос таъмин мекунанд.

Низомномаи мазкур тасдиқ карда шудааст:
дар ҷаласаи шурои илмӣ-методии Донишгоҳ суратҷаласа аз «____» _______ 2021с. №______;
дар ҷаласаи шурои Олимони Донишгоҳ суратҷаласа аз «____» ______ 2021с. №_____.

Варақаи мувофиқакунонӣ

| № | Вазифа | Ному насаб | Санаи мувофиқакунонӣ | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Муовини ректор доир ба таълим | Ибодзода С.Т. | | |
| 2 | Сардори шӯъбаи таълимӣ-методӣ | Табаров М.С. | | |
| 3 | Сардори шӯъбаи кадрҳо | Абдуллозода С.М. | | |
| 4 | Директори маркази стратегияи рушд ва менеҷменти сифат | Маҳмудзода Х.Р. | | |
| 5 | Сардори шӯъбаи сифати таълим ва маҳорати педагогӣ | Расулзода С. | | |
| 6 | Сардори шӯъбаи ҳуқуқ | Саидзода Ҷ.З. | | |

# Варақаи қайди тағйирот

| № р/т | Асос барои ворид намудани тағйирот | Рақами саҳифа | Тафсири кӯтоҳи тағйирот | Санаи воридкунӣ | Ному насаб ва имзои тағйирот ворид намуда |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

# Вараќи шинос шудан

| № | Вазифаи ишғолкарда | Ному насаб | Санаи шиносшавӣ | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | |
| 2 | | | | |
| 3 | | | | |
| 4 | | | | |
| 5 | | | | |
| 6 | | | | |
| 7 | | | | |
| 8 | | | | |
| 9 | | | | |
| 10 | | | | |